**Шералӣ Ризоён**

# ЁДДОШТИ САФАРИ БУХОРО

**Душанбе - 2022**

| ***Феҳрасти навишта:*** | | |
|---|---|---|
| *I.* | *Ба ҷойи аввалсухан* | *3* |
| *II.* | *Бардоштҳо аз роҳ ба самти Бухоро* | *6* |
| *III.* | *Дар бораи меҳмонхонаҳои Бухоро* | *9* |
| *IV.* | *Дар бораи меҳмондории бухороӣ* | *12* |
| *V.* | *Дар Бухоро дар бораи таърихи Бухоро* | *15* |
| *VI.* | *Ёдгориҳои таърихию меъмории Бухоро* | *17* |
| *VII.* | *Дар бораи мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ* | *24* |
| *VIII.* | *Дар бораи боварҳои таърихии мардуми Бухоро* | *27* |
| *IX.* | *Дар бораи забони мардуми Бухоро* | *32* |
| *X.* | *Бардоштҳои усулӣ аз сафар ба Бухоро* | *38* |

**© Шералӣ Ризоён, 2022**

# I. БА ҶОЙИ АВВАЛСУХАН[1]

Аз 10 то 14-уми ноябри соли равон ба Бухоро барои иштирок дар ҳамоиши коршиносони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ИМА ва Афғонистон сафар доштам. Аслан интихоби масири роҳ то Бухоро мушкил буд ва рости гап хоҳиши зиёди рафтан ҳам надоштам, чун: чиптаи тайёра аз Душанбе ба Тошканд барои як моҳи оянда аллакай фурухта шудааст (i), гузаргоҳи Саразм ба самти Самарқанд бинобар баргузории саммити Созмони кишварҳои туркзабон муваққатан баста буд (ii), аз тариқи Хуҷанд ба Тошканд рафтан вақти зиёдро талаб мекард (iii), чиптаи тайёра аз Душанбе ба Алмаато ва аз онҷо ба Тошканд ё тариқи роҳи оҳан низ сарсонии зиёд дораду, одам хаста мешавад ва вақт беҳуда мегузарад (iv), масири роҳ аз Душанбе то Бухоро, тариқи гузаргоҳи Дӯстӣ (Турсунзода) ба Деҳнав ва Бухоро (v) номаълум буд, зеро роҳҳои мошингарди Ӯзбекистон дар муқоиса бо Тоҷикистон то ҷое хароб ҳастанд ва ба пуррагӣ бозсозӣ нашудаанд. Ниҳоят масири Душанбе-Турсунзода-Деҳнав-Бойсун-Қаршӣ-Бухороро интихоб кардем, ки дар расми зер, харитаи онро аз Google Maps овардаам.

***Ангезаи сафар ба Бухороро чунин тафсир намудан мумкин аст:***

1. Муҳимтарин ангезаи сафар бо ин масири номаълум - дидани шаҳри Бухоро буд, ки хушбахтона шарафёб шудам. Аз давраи мактаб то ин дам китобҳои зиёди таърихию бадеъиро хондаам, ки дар онҳо Бухоро

---

[1] *Санаи 15-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

ҳамчун пойтахти давлати тоҷикон ва кишвари форсизабон муаррифӣ мешавад. Дар худи Бухоро матни “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ, “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро”-и Ҷалол Икромӣ ва ғайра мисли лентаи синамо дар пеши назар тоб мехурад. Ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории мавҷудаи Бухоро ҷузъи муҳими таърихи мардуми форсизабон ба шумор мераванд, ки агар аз ҷониби касе (гуруҳе) инкор шавад, таърихнигории ҷаҳонӣ онро бо далелҳои ниҳоят ҷиддӣ тасдиқ мекунад.

2. Нахустин маротиба писарам Ардашерро ба сафар ба хориҷи кишвар ҳамроҳ гирифтам ва чанде аз расмҳои якҷояи худамонро дар Facebook коридам. Ардашер писарбачаи даҳсола аст ва мисли дигар наврасон кунҷков мебошаду саволи зиёд медиҳад. Яке аз саволҳое, ки чанд маротиба ба ман доду посухи дурусте бо он надоштам, ин “бо чӣ кор машғул ҳастед?” буд. Чунки фаҳмонидани бо чӣ кор машғулам бароям мушкил аст. Зеро агар дигар падарон ба коргоҳе аз саҳар мераванд, ман асосан дар хона, дар сари компютер (маъмулан, бо фарорасии шаб то саҳар) кор мекунам. Тавре маълум аст, “шунидан кай бувад - монанди дидан”, яъне дар таҷриба дидан аз ҳама намунаи хубе мебошад. Ниҳоят ҳамроҳ сафар кардем, ки ба назарам чанд паҳлуи мусбат дошт: аввал дид, ки бо кадом кор машғулам ва нишасти коршиносӣ чӣ хел мегузарад; дуюм, табиати атрофи роҳ ва шаҳри Бухороро тамошо кард: ба гуфти Рустам Бурнашев, коршиноси аршад аз Қазоқистон: “Бухоро бо меъмории худ барои наврас мисли афсонаи зебои шарқӣ аст”; сеюм, дар роҳ ва худи шаҳри Бухоро бо

нафарони гуногуне ҳамсуҳбат шуд, ки аз муҳити маъмулии ӯ набуданд. Муҳимтар аз ҳама ёддошти мазкурро асосан барои Ардашер навиштам, то баъди ба камол расидан, хотироте аз нахустин сафари худ ба хориҷи кишвар дошта бошад.

3. Дидору мулоқот бо ҳамкасбон аз дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамеша кайфияти баланд дорад, чун муҳимтарин масоилро баррасӣ намудан мумкин асту, диду назари мухталифи ҷолибро шудан ҳам имкон дорад. Ҳар коршинос мавқеи хосро дар бораи масоил баён мекунад, ки хондани он дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ғайриимкон мебошад. Яъне ба истилоҳе дидгоҳу назари эксклюзив ва пешбиниҳои ғайримаъмулиро мешунавед. Ҳамин омил шояд муҳитарин ангезаи ҷалбкунанда барои сафар ба давлатҳои хориҷӣ, ҷиҳати иштирок дар ҳамоишҳои илмию коршиносӣ бошад. Барои як коршинос ҳатмӣ аст, то сари чанд вақт дар чунин чорабиниҳо ҳузур пайдо кунад, мубодилаи афкор намояд, шабакаи шиносҳои худро васеъ созад. Дар натиҷаи иштирок дар чунин ҳамоишҳо ҳамеша фикрҳои нав ва иттилоъи обнашуста дастрас мешаванд, ки барои фаъолияти илмию коршиносӣ ниҳоят муҳиманд. Яке аз таҳлилгарони машҳури мо дар натиҷаи иштирок дар силсилаи нишастҳои таҳлилӣ китоби таҳлилиро соли 2014 нашр карда буданд, ки то ба имруз аҳамияти амалии худро гум накардааст. Каме ба дигар тараф рафтем ва ба асли матлаб бармегардем.

## II. БАРДОШТҲО АЗ РОҲ БА САМТИ БУХОРО[2]

Тавре дар боло ишора шуд, барои сафар ба Бухоро масири Душанбе-Турсунзода-Деҳнав-Бойсун-Қаршӣ-Бухороро интихоб намудем. Ронандаи таксӣ вақти бозгашт аз Бухоро дар ҳудудҳои ноҳияи Бойсун харобаҳои корвонсаройро ба мо нишон дод. Бо ишора ба он вайронаҳо гуфт, ки аз замони қадим ҳамин масирро мусофирону тоҷирон истифода мекардаанд ва он ҷузъи Роҳи бузурги Абрешим будааст. То фурупошии Аморати Бухоро аз тариқи ҳамин роҳ мақомдорон аз пойтахт ба бекигариҳои шарқӣ, хосатан ба Ҳисор меомадаанд ва баръакс мерафтанд. Дарозии роҳ аз Душанбе то Бухоро ҳудуди 530 км буда, вақти рафтан 13 соат ва омадан 10 соатро сарф намудем. Чунин фарқ байни рафтану омадан ба чанд омил вобаста аст: сарфи вақт барои пайдо намудани таксӣ то гузаргоҳи Дӯстӣ (i) ва интихобу мувофиқа бо таксӣ дар Сариосиё барои рафтан то Бухоро (ii), ду маротиба таваққуф намудан барои хурокхурӣ (iii), аввал барои чошт ва баъдан барои шом; ду бор харидорӣ намудани сузишворӣ(iv), яъне метан (гази табиӣ), ки дар нуқтаҳои фуруши он дар Ӯзбекистон ҳамеша навбат зиёд аст; ниҳоят шабона ҳаракат кардан(v), ки ҳам ронанда ва ҳам мусофиронро хаста мекунаду ба суръати ҳаракати мошин таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, рузона ба сафар баромадан ҳам амну ҳам беҳтар аст. Вақти сафар ба Бухоро ба ҷузъ ману Ардашер ҳамсафарон ҳам доштам ва агар онҳо

---

[2] *Санаи 15-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

иҷоза диҳанд, номашонро низ менависам. Ба асли матлаб мегузарем.

***Чанд бардошт ва мушоҳида аз роҳ ба самти Бухоро***

1.Чанде пеш (31 октябри 2022) тариқи гузаргоҳи Фотеҳобод (ноҳияи Масчоҳ) ба Тошканд рафта будам. Муносибати сарҳадбонони гузаргоҳи Сариосиё ва Ойбеки Узбекистон ба мусофирон/меҳмонон аз ҳам фарқ доштааст. Дар гузаргоҳи Сариосиё чунон мову мусофирони дигарро кофтукоб карданд, ки бароям бесобиқа буд. Аз ин пештар чандин маротиба ба Ӯзбекистон рафта будам, на дар Ойбек ва на дар фурудгоҳи Тошканд ба мусофирон чунин бархурд намекарданд (тобистони соли 2019 аз тариқи гузаргоҳи Сариосиё ба Тирмиз рафта будам ва он вақт ҳам чунин бархурд набуд). Камтар дағалию дуруштӣ аз ҷониби сарҳадбонон эҳсос мешуд ва умедворам мақомоти салоҳиятдори давлатии Ӯзбекистон ба ин масъала таваҷҷуҳ мекунанд, чун ба асли шарикии стратегии ду кишвар мувофиқат намекунад.

2. Интихоби таксӣ дар ин масир чанд вижагӣ доштааст, ки қариб ба доми фиреб афтода будем. Дар Ойбек бо пардохти 300 ҳазор сум (274 сомонӣ) таксиро то Тошканд ва баргашт ба сарҳади давлатии Тоҷикистон киро мекунед. Ронанда боз 3-4 соат муштариро то анҷоми кораш дар Тошканд мунтазир ҳам мешавад. Дар баромадгоҳи Сариосиё ва дар дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ (мисли фурудгоҳ) ронандаҳо муштариҳоро ба мошини худ даъват мекунанд. Дар Сариосиё як нафари либоси ниманизомӣ дошта кӯшиш кард, бо

нархи гарон моро то Бухоро барад. Вақте бо пешниҳоди ӯ розӣ нашудем, аз мо пештар бо мошин ба назди гурӯҳи таксиронҳо омада, бо нишон додани ду ангушт ба чашми худ ишора кард, ки касе моро набарад. Баъди каме “ҳисоб”-ро бо ӯ баробар кардану гуфтугӯ намудан ба ақиб гашту аз мо дур шуд. Бо таксии дигар ба роҳ баромадем. Бардошт чунин аст, ки нархи таксиҳо дар Узбекистон назар ба Тоҷикистон 50% арзон аст ва агар ба ин кишвар сафар кардед, ин нуктаро ба назар гиред.

3. Муносибати мардуми Ӯзбекистон нисбат ба меҳмонон аз Тоҷикистон ниҳоят самимӣ аст, ё шояд мо бо чунин бархурд рӯ ба рӯ шудем. Вақте дар яке аз макони самбусапазӣ хуроки чошт мехурдем, муйсафеде мефаҳмад, ки яке аз ҳамроҳони мо аз Тоҷикистон аст ва чунон самимона дидор мекунад, ки қалам дар тасвираш оҷиз аст. Дар Деҳнав аксарият моро бидуни тарҷумон мефаҳмиданд ва аз гуфти онҳо дар ин макон тоҷикон зиёд ҳастанд. Ҳарду ронандаи таксӣ (оне, ки аз сарҳад ба Бухоро бурд ва оне, ки то сарҳад овард) низ нисбат ба мо муносибати олӣ доштанд.

4. Вазъи роҳ аз гузаргоҳи Сариосиё то Бойсун каме хароб аст (дар ин байн роҳҳои нав мумфаршшуда низ ҳастанд). Вале аз баромади Бойсун то Бухоро роҳ нисбатан хуб ва бароҳат рафтан мумкин аст. Табиати атрофи роҳ то Бухоро ба назарам аҷиб намуд ва ба манзараи роҳи Бохтар-Данғара, дашт дар роҳи Қубодиён, роҳи Данғара-Восеъ ва роҳи Аличур-Мурғоб монандӣ дошт. Муҳимтарин нукта: бо тамошои ин

манзараҳо, гуфтугӯ бо мардум ва умуман дар Ӯзбекистон худро дар кишвари бегона эҳсос намекунед.

5. Дар даромади шаҳри Қаршӣ дар ошхонаи “Узбегим” хуроки шом хурдем. Пешхидмат аз мо дар ҷойи холӣ 50 ҳазор суми узбекӣ зиёд гирифт. Вақте дубора пурсидем, чаро чунин шуд, гуфт ин маблағ барои “дастпокун” (салфетка)-и латтагӣ аст. Вақти баргашт ронанда боз назди ҳамон ошхона таваққуф намуд, вале мо аз рӯи принсип дар ҳамсояи ӯ як пиёла чой гирифтем. Аз ин рӯ, маслиҳат ин аст, ки шарм накарда чӣ гуна чунин миқдор пул шуданро пурсед, ба фоидаи худатон аст (дар Тоҷикистон низ чунин бархурд ҳаст ва баъзе кормандони соҳаи хидматрасонии мо низ истисно нестанд).

## III. ДАР БОРАИ МЕҲМОНХОНАҲОИ БУХОРО[3]

Соати 11 шаб ба меҳмонхонаи Garden Plaza Bukhara расидем. Аз руи гуфти ҳолдонҳо ин бино дар қисмати нисбатан нави шаҳр, дар замини собиқ коргоҳи пахтатозакунӣ бунёд гардидааст. Муҳимтарин вижагии ин меҳмонхона дар он буд, ки навхонадорон маросими аксгирӣ (фотосессия)-и худро дар он барпо менамуданд. Пештар низ ба шаҳрҳои кишварҳои дигар сафар доштам ва ҳаргиз надида будам, ки навхонадорон ба меҳмонхона барои расмгирӣ биёянд. Ё моро дар он маконе ҷойгир мекарданд, ки онҳоро намедидем. Рузи аввал, ки ба санаи 11 ноябр рост омад ва аз рӯи ҷойгиршавии ададҳо 11.11.22 (2022)

[3] *Санаи 16-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

мешавад, теъдоди ниҳоят зиёди ҷуфтҳои нав дар ин меҳмонхона қарор доштанд ва ҳама бо аксгирӣ машғул буданд. Аз рӯи гуфти ҳамроҳон ҳамин руз ҳудуди 70 ҷуфт ба меҳмонхона омаданду аксгирӣ карданд. Ҳутели мо дар баробари толори вуруд бо интерйери муосир, боз гулхона (оранжерея)-и зебо ва террасаи мувофиқе дошт, ки қисмати қадимаи Бухоро аз он дида мешавад. Маъмурияти меҳмонхона ба навхонадорон боз утоқе пешкаш мекарданд, чун ҳамон руз истифодаи болобар (лифт) барои мо бошандагон мушкил буд. Нархи аксгирӣ дар ин ҳутел ба 700 ҳазор сум (630 сомонӣ) баробар будааст. Рузҳои дигар ба меҳмонхона арусу домоди зиёде омаданд, вале шумораи онҳо мисли рузи 11 ноябр набуд. Барои чӣ дар ин бора муфассал навиштам? Барои он ки ба назарам ҷолиб намуд ва ба гуфти акои Ҷаҳонгир Шарипов (дар бораи ин инсони наҷиб алоҳида менависам), ки аз Бухоро ҳастанд, пештар он кас дар бораи чунин таҷриба иттилоъ надоштаанд.

Ба назарам Бухоро шаҳри меҳмонхонаҳо аст. Дар қисмати шаҳри куҳна, ҳар сари қадам ҳутелҳои хурду бузурги оилавӣ ҷойгиранд. Нархи барои як шабонаруз аз 40 ҳазор сум (36 сомонӣ) то 150 ҳазор сум (135 сомонӣ) буда, аз руи макони ҷойгиршавӣ ва шароити дохилии он вобаста аст. Моҳи ноябр аллакай фасли гардишгарӣ ба поён расида, теъдоди онҳо аз руи баҳогузории бухориҳо кам буд. Ба мушоҳидаи ман гардишгарон зиёд буданд, чун тамоми маконҳои таърихии шаҳр аз онҳо пур менамуд.

Се маротиба дар кучаю тангкучаҳои қадимаи шаҳри куҳна пиёда гашту гузор намудам: аз ҳутел ба самти

Лаби ҳавз (i); аз канори Манораи калон то мақбараи Исмоили Сомонӣ (ii); аз тарафи Арк ба ҳутел (iii). Сари қадам меҳмонхонаи хурди оилавӣ ҷойгиранд, ки бешубҳа шаҳри мувофиқ ба гардишгарӣ будани Бухороро собит мекунад.

Нархномаи ҳутелҳои оилавӣ нишон медиҳад, ки онҳо ба категорияи гуногуни гардишгарон нигаронида шуда, пеш аз ҳама ба фарогирии миқдор таваҷҷуҳ шудааст. Ин таҷриба арзиши амалии омузишро барои мо дорад, чун хидмадрасонии баъзе меҳмонхонаҳои мо ҳам дар пойтахт ва ҳам маҳалҳҳо ба нархи талабмешуда мувофиқат намекунад. Нуктаи мазкур ба ҳутелҳои бузург дахл надорад, чун мизоҷони онҳо вижа ҳастанд ва ҳамеша аз хидматрасонии онҳо истифода менамоянд. Бо ба назар гирифтани таҷрибаи Бухоро рушди меҳмонхонаҳои оилавиро метавон дар минтақаҳои гуногуни кишвар роҳандозӣ кард. Аз руи мушоҳидаҳо дар мо ё пули зиёдро талаб мекунанд, ё тамоман бепул хидмадрасонӣ мекунанд. Ин нукта ба назарам барои рушди туризми дохилӣ низ дахл дорад, чун тавонмандиҳои кишвар дар ин самт бузург аст. Бояд иқрор шуд, ки бо санадҳои мавҷуда дар соҳаи туризм дар кишвар шинос нестам, шояд бо овардани тезиси боло иштибоҳ мекунам. Вале ҳамчун шахсе, ки зиёд ба манотиқи гуногуни Тоҷикистон сафар дорад, ин мулоҳизаҳоро навиштам, яъне ин бархурди як муштарӣ аст. Агар дар кулли манотиқи туристии мо ҳутелҳои оилавӣ таъсис ёбанд, хидматрасонии онҳо (бахусус хурокро мутобиқ ба хости онҳо омода кардан) мудерн шавад, як такони ҷиддие барои рушди туризми дохилӣ мешуд.

## IV. ДАР БОРАИ МЕҲМОНДОРИИ БУХОРОӢ[4]

Дар шароити муосир шабакаҳои иҷтимоӣ ба неруи бузурге табдил шуда, иртиботи инсонҳо сифатан тағйир дода, тасаввуроти пештар ғолибро комилан инкор мекунад. Шабакаҳои иҷтимоӣ абзори наву мувофиқи робита ҳастанд ва дар наздик намудани инсонҳо тавонмандиҳои баланд доранд. Ангезаи асосии навиштани ҳамин бахш – муаррифии акои Ҷаҳонгир Шарипов аст, ки аз Бухоро ҳастанд. Мо бо эшон тариқи Facebook дустӣ доштем ва то вохурии зинда якдигарро надида будем. Пеш аз сафар ба он кас занг задам, масиру вазъи роҳ ва нархи таксиро пурсидам. Посухи акои Ҷаҳонгир сабаб шуд, ки масири Душанбе-Турсунзода-Деҳнав-Бойсун-Қаршӣ-Бухороро интихоб кунем.

Аввалин дидорамон рузи 11 ноябр, баъди нисфирузӣ ба вуқуъ пайваст ва акои Ҷаҳонгир ба ҳутел омада, моро ба қисмати таърихии шаҳр бурданд. Тавре ҳамон лаҳза гуфтанд: “ба Шумо роҳи ғайритуристӣ, яъне Бухорои аслиро нишон медиҳам”. Мо ба мадрасаи Чорманор рафтем, ки дар байни гузарҳо ҷойгир аст (дар бораи вижагии ёдгориҳои таърихии Бухоро дар бахши алоҳида менависам).

Аз мадрасаи Чорманор мо лаб-лаби ҷуйи Шоҳруд ба Лаби ҳавз омадем; аз онҷо тариқи бозорҳои Телпакфурушон ва Заргарон ба Манораи калон ва мадрасаҳои атрофи он баромадем; аз канори Манораи калон тариқи тангкучаҳои қадима ба самти Раёсати

[4] *Санаи 16-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

корҳои дохилии вилояти Бухоро омада, аз онҷо ба Боғи Сомониён расидем, ки дар як кунҷаш Мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ ҷойгир аст; аз кӯчаи Писташиканон ба самти масҷиди Болои ҳавз омадем, ки 20 сутуни қадима дорад ва дар рӯ ба рӯи Арк ҷойгир аст. Аз саҳнаи Арк ба самти Зиндон рафта, аз он ҷо Аркро давр зада, боз ба саҳнаи Манораи калон баромадем ва лаб-лаби ҷуйи Шоҳруд ба меҳмонхона баргаштем. Барои пурра дидани ҳамаи ин макон чанд руз кам аст, вале акои Ҷаҳонгир “бо суръати баланд” ҳамаи ин масирро нишон доданд, дар бораи ҳар як ёдгорӣ нақл намуданд, ки экспресс-тамошои ёдгориҳои таърихии Бухоро буд.

## Як-ду сухан дар бораи акои Ҷаҳонгир

Ташаббускори тамошо додани шаҳр ба мо худи акои Ҷаҳонгир буданд. Паёме доданд, ки ки агар хоҳиш дорем, он кас омода ҳастанд, шаҳрро ба мо нишон диҳанд. Албатта тамошои шаҳр бо сокини бофарҳанги он ҳаловати алоҳида дорад. Аз рӯи он постҳое, ки дар фейсбук мегузоранд, акои Ҷаҳонгир дар самти туризм фаъолият доранд (рости гап бо чӣ кор машғул буданашонро напурсидам, чунки ироаи ин савол аз руи одоб ҳам нест) ва инсони олуфтаву хушсимо ва ниҳоят ботаҳаммуланд. Ашрофияти он кас дар роҳгардӣ, рафтору тарзи гуфтор ва либоспӯшӣ баръало маълум аст. Акои Ҷаҳонгир моро ба як пиёла чой даъват карданд, вале мо чунин имкон надоштем. Бори дигар даъват ба амал оварданд, ки шаҳрро ба мо нишон медиҳанд, чун ҳама ҷойи онро надида будем. Рузи охирони ҳамоиш (13 ноябр) ба он кас дар тамос шудам ва ин навбат на танҳо мо – тоҷикистониҳоро, балки бо ҳамаи иштрокдорони

ҳамоиш аз Қазоқистон, Қирғизистон ва ҳатто аз худи Ӯзбекистон (аз Тошканд) -ро ҳамроҳӣ карданд. Ин навбат дар Лаби ҳавз вохурдем ва масири дирузаро такрор карда, ба бозори ба истилоҳ “колхозӣ” низ рафтем.

Ҳамроҳони мо аз кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ба чанд масъала таъкид намуданд: якум, нетворки тоҷикон дар Бухоро қавӣ аст; дуюм, мо худро бегона эҳсос намекунем (махсусан дар бозор зоҳир шуд); сеюм, сокинони маҳаллие ҳастанд, ки бидуни шарте ва пардохте мадад мерасонанд ва ғайра.

Ҳамроҳони мо аз давлатҳои ҳамсоя ва ҳатто худи Тоҷикистон чанд маротиба пурсиданд, ки оё мо ба акои Ҷаҳонгир маблағе пардохт кардем? Вақте фаҳмиданд, ки дар Бухоро шинос шудем ва ин ҳама лутф ройгон аст, ҳайрон шуданд. Акои Ҷаҳонгир дар ду дидор қариб 5 соати худро барои мо сарф карданд, пиёда гаштанд, дар бораи ёдгориҳои таърихӣ нақл карданд ва ба ҳамаи саволҳои меҳмонон посух доданд. Яке аз ҳамроҳон гуфт, ки агар ба ман барои ин кор маблағе намедоданд, ҳаргиз чунин корро намекардам. Ҳамкасбон аз давлатҳои ҳамсоя баъди бозгашт ба ҳутел ба акои Ҷаҳонгир изҳори сипос кардаанду мо расонидем.

Бешубҳа, боигарии ҳар шаҳр, бахусус шаҳрҳои таърихӣ – сокинони он ҳастанд. Дар симои акои Ҷаҳонгир мо чунин шахсро дидем, ки на танҳо назари мо – тоҷикистониҳоро, балки дидгоҳи ҳамаи коршиносон аз давлатҳои ҳамсояро дар бораи Бухоро ва бухориён, инчунин одамгарию меҳмоннавозии онҳо ба таври мусбат шакл доданд.

## V. ДАР БУХОРО ДАР БОРАИ ТАЪРИХИ БУХОРО[5]

Бухорои куҳна осорхона дар рӯи замин аст. Шукӯҳу шаҳомати биноҳо, манораҳо, кучаю тангкуча ва гузарҳои дар ҳолати асл ҳифзшуда ва руҳияи умумӣ, ки инсон аз тамошои онҳо ба худ мегирад - энергияи ниҳоят баланди мусбат аст. Аз наврасӣ орзуи дидани Бухороро доштам ва шукри Худо зиёрат кардам. Ба касе, ки тоҷикият барояш арзиш ҳасту ба бузургии забони форсӣ – ҳамчун забони илму дин, маърифат ва хирад, сиёсат ва давлатдорӣ бовар дорад, дидани Бухоро, роҳ гаштан дар кучаю тангкучаҳои он, нафас кашидани ҳавои он – ҳатмӣ аст. Маҳз бо тамошои Бухоро (ҳамчунин Самарқанд) дарк метавон кард, ки мо чӣ таърихе, тамаддуне ва фарҳанге дорем ва вусъату паҳноии он кадом ҳадд ҳасту имруз моро ба чӣ масъул мекунад.

Дар тули зиёда аз ҳазор сол, то ғасби ҳарбии Бухоро дар моҳи августи соли 1920 аз ҷониби болшевикон ин шаҳр маркази тамаддуни Вароруд буд, беҳтарин олимону мутафаккиронро дар бистари худ парвариш кард ва дар таърихи инсоният аз маконҳои офарандаи фарҳанг ба шумор меравад. Тариқи ҳавопаймои ҳарбӣ дар соли 1920 бо фармони Фрунзе бомбаборон шудани шаҳр ба он хисороти сахте расонд, биноҳо ва ёдгориҳои зиёде хароб гардиданд, инсонҳои зиёде кушта шуданд ва тамоми биноҳои Арк низ хароб гардид. Имруз бахши ками Аркро бозсозӣ намудаанд ва то ҳол натиҷаи он ваҳшоният низ ҳифз шудааст. Дарвози Арк, ки имруз ҳасту мебинем (рӯ ба рӯи

[5] *Санаи 16-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

масҷиди Болои ҳавз), аслан даромадгоҳи асосӣ набудааст. Даромадгоҳи асосӣ дар қафои он аз тарафи рост буда, ки имруз аслан вуҷуд надорад. Яъне соли 1920 Бухоро ба шакле бомбаборону тирборон шуд, ки онро ба назарам танҳо ба ғасбкории ваҳшиёнаи муғулҳо метавон монанд кард. Ҳама ин ва дигар омилҳо сабаб шуданд, ки имруз Бухоро ба як шаҳри музофотӣ табдил ёбад, дигар маркази фикрию сиёсӣ нест, мақоми аслию таърихӣ ва тамаддунии худро аз даст додааст. Танҳо мавҷудияти ёдгориҳои меъморӣ - шукӯҳу шаҳомати қаблии шаҳрро бозгуӣ мекунанд.

Вақте аз тарафи масҷиди Болои ҳавз ба Арк нигоҳ мекунед, эҳсоси аҷибе инсонро фаро мегирад. Ин Арк гарчанде охирон бошишгоҳи амирони манғит буд, аслан кори дасти онҳо нест. Балки маконе аст, ки аз давраи то омадани Ислом ба Вароруд, аз замони Бухорхудотҳо то соли 1920 дили сиёсии минтақаи мо буд. Дар ин маҷмаъа дар давраи давлатдории Сомониён сиёсати кулли ҳавзаи форсизабон ва фаротар аз он мудирият мегардид, низоми давлатдории пешрафта барои садсолаҳои минбаъда офарида шуд, ки аз давлатдории Ғазнавиён ва Қарохониён шуруъ карда, то Империяи усмонӣ дар ғарб ва давлатдории Темуриёни Ҳинд дар ҷанубу шарқ аз он васеъ истифода карданд. Модели девонҳои Сомониён, ки баргирифта аз таҷрибаи давлатдории Сосониён мебошад, дар шароити нав ба талаботи асрҳои IX-X мувофиқ карда шуд ва дар тули 1000 соли оянда дар шаклу навъи гуногун дар давлатдории кишварҳои мусалмоннишин истифода мегардид.

Дар Бухоро истода дар бораи мақоми Бухоро андеша кардан ҷолиб будаст, чун аз ҳамаи он таҷрибаи пештара тақрибан чизе намондаст. Тамоми лаҳзаи қарор доштан дар Бухоро ин фикр маро ором намегузошт. Аз як назар – аз боқӣ мондани меъмории шаҳр инсон хурсанд мешавад, аз ҷониби дигар бо дарки он ки ҳамаи ин маконҳо моҳияти аслии худро гум кардаанд, инсонро дар шигифт мекунад. Ба шаҳри музофотӣ табдил шудани Бухоро риштаи пай дар пайи таърихиро канда кард. Вале умед мекунем, ки фарзандони ин шаҳр аввалин маротиба нест - бо чунин шакли инзиво ва бунбаст рӯ ба рӯ мешаванд ва хиради азалӣ аз худ дарак медиҳад ва Бухорои Шариф мақоми таърихию тамаддунии худро рузе ба монанди қуқнус (феникс) эҳё менамояд. Тақдири Бухоро ва печутоби таърихи он - оинаи имрузи мост. Чизе ҳаст ё нест, хотираи таърихӣ ҳаргиз бояд фаромӯш нашавад.

## VI. ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИЮ МЕЪМОРИИ БУХОРО[6]

Тавре дар боло зикраш рафт – шаҳри Бухоро осорхона дар рӯи замин аст. Бидуни муболиға дар Бухоро назар ба дигар шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ - аз ҳама бештар ёдгориҳои таърихию меъморӣ ҳифз шудаанд. Ҳамаи ин ёдгориҳо бозгукунандаи таъриху тамаддун ва илму фарҳанги мардуми форсизабон ҳам ҳастанд. Маҷмуаи ёдгориҳои Бухоро дар ҳифозати ЮНЕСКО қарор дорад ва маркази таърихии шаҳр ба феҳрасти Меъроси ҷаҳонии ин созмон ворид шудааст. Аз ин ҷост, ки дар шаҳр (дар наздикии қисми таърихии он) биноҳои баландошёна нестанд, чун манзараи умумии

---

[6] *Санаи 21-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

ёдгориҳоро тира мекунад ва ба вижагии меъмории он созгор нест.

Коршиноси соҳаи таъриху меъморӣ нестам (даъво ҳам надорам). Вале аз руи он чизе, ки дидаму шунидам чунин гуруҳбандии ёдгориҳои таърихии Бухороро меорам (ин гуруҳбандӣ шояд хато бошад, вале диди маро инъикос мекунад):

***Якум, ёдгориҳои маъмурию идорӣ***. Ба ин гуруҳ пеш аз ҳама Арк, қасрҳо, Зиндон ва бозмондаи девори қадимаи шаҳр (ду пораи он: яке дар қафои Боғи Сомониён ва бозори "колхозӣ", дигаре дар гузари Кунҷи қалъа (наздикии Беморхонаи клиникии вилоятӣ) боқӣ мондаанд)-ро метавон ворид намуд. Ин ёдгориҳо бешубҳа бозгукунандаи таъриху таҷрибаи тӯлонии давлатдорӣ дар минтақаи мо ҳастанд.

*Инҷо лозим мешуморам ба як нукта ишора кунам: дар тафсирҳои машҳури истеъморзада, ки тули тамоми давраи Шуравӣ паҳну пахш мешуд (ва имруз низ чунин кор аз ҷонибе баъзе нафарон идома дорад) ва пажуҳишҳо дар доираи усули пасоистеъморӣ - мардуми минтақаи Вароруд гуё то забт/ҳамроҳ (кадом истилоҳ ба Шумо мақбул бошад, ҳамонашро хонед) шудан аз ҷониби/ба Русияи подшоҳ аслан бесавод, бефарҳанг ва ба истилоҳ дар "ҷомеаи золими феодалӣ" зиндагӣ мекарданд. Маҳз бо омадани* ***фарҳанги аврупоӣ*** *дар ин манотиқ – равшанӣ дар шакли пешрафт ва илму пажуҳиш пайдо мешавад (бунёду созмон додани ниҳодҳои муосири давлатдорӣ, илмию пажуҳишӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраро инкор намекунам, чун сухан дар бораи*

*комилан набудану инкори мавҷудияти чунин таҷриба меравад). Дар баъзе пажуҳишҳо, ки перомуни миллат ва ҳувият анҷом шудаанд, мардуми минтақаи мо ба монанди халқҳое, ки (асосан дар Африқо, Америко ва баъзе қисматҳои Осиё) то омадани қудрати истеъморӣ дар шакли ҷомеаи ибтидоӣ зиндагӣ мекарданд ва аслан таҷрибаи давлатдорӣ (дар фаҳмиши аврупоии он) надоштанд, қаламдод мешаванд. Вале ёдгориҳои маъмурию идории мавҷуда дар Бухоро ғалат будани ин руйкардро собит мекунанд. Чун мо таҷрибаи чандҳазорсолаи зистан ва фаъолият намудан дар низоми давлатдориро доштем ва худи институти давлат барои мо бегона набуд (гуфтумони мазкур бештар дар пажуҳишҳои антропологӣ истифода мешавад). Аз ин рӯ, мурофиати мардум барои додхоҳӣ на ба сардори қабила ё сарварони ғайрирасмӣ, балки ба ниҳод ё масъули давлатӣ (дар ин бора ҳикояву ривоятҳои фаровоне дар асарҳои таърихию бадеӣ ҷой доранд ва яке аз машҳурашон ба Анушервони одил рабт дорад) аз қадима будани бофтаҳои ҳувиятии дар низоми давлатдорӣ зистанро собит мекунад. Аслан худи гуфтумони миллат дар фаҳмиши имрузаи он - мафҳуми нисбатан нав аст ва дар асри XIX шакл мегирад ва дар асри XX фарогир ешавад (азбаски ин мавзуъ ба асли матлаби мо дахл надорад, онро идома намедиҳем).* Хулоса, бозмондаи ёдгориҳои маъмурию идории Бухоро ба ҳайси абзори муҳими такмили ҳувият ва халос шудан аз андешаи истеъморзада баромад мекунанд.

***Дуюм, ёдгориҳои динӣ***. Дар Бухоро теъдоди зиёди чунин ёдгориҳо ҳифз шудаанд, ки бешубҳа “марказ

(қувват)-и Ислому дин” будани ин шаҳрро собит мекунад. Дар қисмати таърихии шаҳр теъдоди зиёди масҷиду мадрасаҳо ва манораҳо мавҷуданд. Дар дигар макони шаҳр ва ноҳияҳои атрофи он қадамҷою мақбараи шахсиятҳои бонуфузи динӣ боқӣ мондаанд. Ҳатто дар шаҳр Синагогаи яҳудӣ ҳифз шудааст. Дар замони Шӯравӣ мадрасаи Мири араб ягона муассисаи амалкунанда буд, ки дар он уламои исломӣ тарбия меёфтанд ва барои ҳамин аксарияти хатмкардаҳои ин макон озод ба забони форсӣ суҳбат мекунанд. Зикри муфассали ин бахшро ба таърихнигорон ва пажуҳишгарони соҳаи диншиносӣ мегузорем, чун ин соҳаи мо несту шояд дар ҷое ба иштибоҳе роҳ диҳем.

***Сеюм, ёдгориҳои вобаста ба таълиму пажуҳиш***. Тавре дар боло ишора кардем, дар Бухоро теъдоди зиёди мадрасаҳо ҳифз шудаанд, ки низоми таълиму пажуҳиши анъанавии мардуми Варорудро нишон медиҳанд. Имруз дар Тоҷикистон нафарони зиёде аз аҷдодони худ ифтихор мекунанд, ки эшон дар мадрасаҳои Бухоро ё шаҳрҳои дигари Вароруд таҳсил кардаанд ё онҷо ба сифати мударрис (устод) фаъолият доштанд. Масалан дар Facebook гуруҳе бо номи “Бухорои Кӯчак (Воруи Шариф)” мавҷуд аст. Чунин ном гирифтани гуруҳи Facebook-ии деҳаи Вору бинобар он сабаб аст, ки теъдоди зиёди сокинонаш дар замони пеш таҳсилдидаҳои мадрасаҳои Бухороро буданд. Ба гуфти дусти донишмандам Рустам Азизӣ ба шарофати “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ, ки худ мударрис буданд, маълумоти муфассалро дар бораи низоми таълими мадрасаҳои Бухоро дар даст дорем. Дар гузашта дар канори Арк мадрасаи “Дорушшифо” қарор

доштааст ва се амалкардро иҷро менамудааст: якум, ҳамчун муассисаи таълимии тибӣ; дуюм, ба ҳайси шифохона; ва сеюм, ҳамчун дорухона, ки онҷо доруву дармон омода мекардаанд. Ниҳоят, бахши мазкурро идома намедиҳем ва ба души пажуҳишгарони ин соҳа мегузорем, чун самти мо несту шояд ба иштибоҳе роҳ диҳем. Хулоса, ҳифз шудани бинои мадрасаҳои Бухоро далолат аз он мекунад, ки дар гузашта мо низоми худии таълиму пажуҳишро доштем (Он нукта, ки то куҷо ба талаботи замон мувофиқат мекард ва барои пешрафт мусоидат менамуд, масъалаи дигар аст).

***Чорум, ёдгориҳои вобаста ба суннати шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинӣ***. Дар меъмории шаҳрҳои қадимаи шарқӣ, ки Бухоро яке аз намунаи олии он аст, нақшу мақоми бозор ва дигар зерсохтори тиҷоратӣ калидӣ будааст. Нуктаи ҷолиб дар он аст, ки Бухоро дар мобайни биёбону замини шурзада ҷойгир мебошад ва агар тавонмандиҳои ҷалби мардуми дигарро надошт, ҳаргиз ҳамчун шаҳри обод боқӣ намемонд. Агар як бахши чунин хусусият пойтахт будан дар чанд садсола бошад, дуюмаш доштани теъдоди зиёди мадрасаҳо гуем, пас сеюмаш ин шаҳри мувофиқ барои зисту тиҷорат аст. Зимни тамошои қисмати таърихии шаҳр, ки зикрашро дар боло гуфтем, аз зери гумбазҳои Телпакфурушон, Саррофон ва Заргарон гузаштем, ки то бомбаборон шудани шаҳр маҷмуаи бозори бузурги болопуш будааст (мисли бозорҳои қадимаи Эрону Туркия).

Дигар ин ҳифз шудани маҷмуи корвонсаройҳо мебошад, ки меъроси асрҳои гуногун буда, пештар ба тоҷирону бегонагон (дар таъбири имруза - меҳмонони хориҷӣ) хидматрасонӣ мекарданд. Имрузҳо дар

Бухоро барои тармим (реставрация)-у нигаҳдории корвонсаройҳо аз модели ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ истифода мекунанд: ёдгориро барои 30 сол ройгон ба соҳибкор (ба истилоҳи маъмул дар Ӯзбекистон - тадбиркор) медиҳанд ва соҳиби муваққатӣ онро баъди тармим ҳамчун ресторан, чойхона ва кафе истифода мекунад (дар лаби Шоҳруд чанде аз чунин корвонсаройҳои ба ресторану чойхона табдилёфтаро дидем). Шарти асосӣ ин дигаргунсозӣ накардани бино ва дохили он аст.

Маҷмуаи Лаби ҳавз низ ҳифз шудааст, ки ба истилоҳе дили шаҳр буда, чун пештара хусусияти тиҷорию тафреҳӣ дорад ва дар атрофаш чанд кафе ба меҳмонон таому нушокӣ пешниҳод менамоянд.

Гузарҳои қадимаи Бухоро, болохонаҳо дар болои дари манзилҳо, хонаҳои қадима бо синҷ, масҷидҳои хурди қадима дар марказу канори гузарҳо ва ғайра аз суннати шарҳнишинӣ далолат мекунанд. Таъмир, тармиму хонасозӣ дар қисми таърихии шаҳр зери назорати шаҳрдорӣ будааст ва аслан барои дигар (муосир) кардани онҳо иҷоза намедодаанд. Ба гуфти акои Ҷаҳонгир як садяк (сотих) замин дар қисмати шаҳри куҳна $150 ҳазор арзиш доштааст ва онро асосан барои бунёд ё мувофиқ намудан ба инфраструктураи гардишгарӣ (туристӣ) истифода мекунанд. Хулоса, ҳамаи ин ёдгориҳои номбаршуда, бозгукунандаи суннати шаҳрдорӣ ва шаҳрнишинии мардуми мо ҳам ҳастанд.

***Панҷум, ёдгориҳои вобаста ба хотираи таърихӣ***. Тавре дар бахши пештар ишора кардем, тақдири Бухоро ва печутоби таърихи он - оинаи имрузи мост.

Чун бахши муҳими хотираи таърихии мардуми моро дарбар мегирад ва бузургтарин дастовардҳои тамаддуни мардуми форсизабони Вароруд дар Бухоро ва дигар шаҳрҳои минтақа офарида шудаанд. Бинобар ин, ёдгориҳои мавҷудаи маъмурию идорӣ, динӣ, таълимию пажуҳишӣ ва шаҳрдорию шаҳрнишинӣ дар ин шаҳр аз гузаштаи ҳам дурахшону ҳам торики мо далолат медиҳанд.

Имрузҳо дар арсаи байналмилалӣ хотираи таърихӣ ба ҳайси абзори муборизаҳои геополитикӣ истифода мешаваду ҳамаи қудратҳои ҷаҳонӣ барои ҳифзи "ҳақиқат"-и худ мубориза мебаранд. Ҳадафи онҳо бар он аст, ки хотираи таърихии мувофиқ ба манфиатҳои худро тарвиҷ диҳанд. Мардуме, ки хотираи таърихӣ надорад ё он заиф аст, мисли ашё ё абзор барои шакл додани ҷомеаи дигари инсонҳо истифода мешаванд. Мағзшуӣ ва тағйир додани арзишу бовару бофтаҳои ҳувиятӣ маҳз бо чунин ҳадаф роҳандозӣ мегарданд. Намунаашро мо дар таҷрибаи гузаштаи мардумони дигар мебинем ва имруз низ чунин равандҳо ба мушоҳида мерасанд. Муҳимияти хотираи таърихӣ барои соҳибонаш дар баробари офаридани ифтихор аз гузашта, боз гирифтани сабақу ибрат аз таҷрибаи пешин аст. То дар натиҷаи ташхиси мунсифона ва шинохти дурусту хунсардонаи таҷрибаи пешин дар оянда дубора ба доми рақибон наафтанд ва дар ғафлат намонанд.

Аз ин дидгоҳ, ёдгориҳои таърихии Бухоро аз гузашта ифтихор меофарад ва имруз сабақҳои зиёдеро барои ҳифзи давлатдорӣ ба мо хотирасон мекунад.

# VII. ДАР БОРАИ МАҚБАРАИ ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ[7]

Барои тоҷикистониҳое, ки ба Бухоро сафар мекунанд, надида рафтани мақбараи **Шоҳ Исмоили Сомонӣ** ба истилоҳе "гуноҳ" аст. Чун хидмати ин марди бузург барои мо форсизабонҳои Вароруд то ба охир арзёбӣ нашудааст. Бахусус агар аз услуби таҳлилии имруза ба вазъи геополитикии онвақтаи минтақа назар кунем, ҷасорату матонати Шоҳ Исмоил баръало намудор мешавад. Ба назарам муҳимтарин маконе, ки дар Бухоро дидем, мақбараи **Шоҳ Исмоили Сомонӣ** буд. Тавре дар боло зикр кардам (нигаред ба Бахши IV), даромадгоҳи Боғи Сомониён дар рӯ ба рӯи кунҷи Раёсати корҳои дохилии вилояти Бухоро ва дар канори бинои пулиси гардишгарӣ (пештар таваллудхона будааст) ҷойгир мебошад. Дар як канори ин боғ мақбара қомат афрохтааст.

Агар ба расмҳои мавҷудаи мақбара дар фазои интернет ва китобҳо назар андозед, чунин гумон пайдо мешавад, ки он як бинои хурд аст (мисли хонаҳои маъмулие, ки дар ҳавлиҳо ҳастанд). Вале амалан он як бинои бошукуҳе мебошад, ки бараш 10 метр буда, баландиаш бо гумбазаш 15 метр мебошад. Яъне, барои асри IX як бинои бошукуҳ мебошад.

Вақте аз дур мақбараро дидам, эҳсоси аҷибе маро фаро гирифт. Чун зиёрату тиловати сурае аз Қуръонро дар гури чунин шахсияти бузург хело вақт орзу мекардам. Замони расидани мо ба Боғи Сомониён

[7] *Санаи 23-юми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

соат аллакай ба 17 (5-и бегоҳ) наздик мешуд ва масъуле, ки онҷоро нигаҳдорӣ мекунад, тасмим дошт дари мақбарaро қулф зада равад (барои ворид шудан ба даруни мақбара аз хоҳишмандон 5 ҳазор сум мегиранд ва аз мо талаб ҳам накарданд). Бо далолати акои Ҷаҳонгир каме таъхир карданд ва мо ба даруни мақбара даромадем ва дар ҳаққи ин марди бузург дуо кардем.

**Чанд нукта дар бораи таърих ва меъмори мақбара:**

**Якум**, мақбара бо дастури бевоситаи худи Исмоили Сомонӣ дар болои гури падараш Аҳмадӣ Сомонӣ сохта шудааст. Шоҳ Исмоил заминҳои атрофи мақбараро мехарад ва дар атрофи он боғе бунёд мекунад. Нафари дуюме, ки дар мақбара дафн шудааст, набераи хурдсоли Исмоили Сомонӣ будааст ва баъди вафот худи ӯро ба инҷо мегузоранд.

**Дуюм**, мақбараро соли 1922 аз хок берун карданд ва пештар танҳо гумбази он намудор будааст. Ангезаи барои чӣ то чунин ҳад хокпуш шуданаш маълум нест, ё аз сабаби вайронкории ғосибон аст ё худи мардуми Бухоро барои ҳифз шудани он ин корро карданд (фарзияе ҳаст, ки ин кор вақти забткории муғулҳо сурат гирифтааст, то мақбараро хароб накунанд). Дар боварҳои мардумӣ Шоҳ Исмоили Сомонӣ мисли авлиё аст ва ба ӯ эътиқоди зиёд доранд. Ин нукта гувоҳӣ аз он медиҳад, ки гуфтаи ӯ “то ман ҳастам девори Бухоро ҳастам” таъсирашро то ба имруз гум накардааст.

**Сеюм**, ороишу меъмории Мақбара аз руи санъати тоисломӣ бунёд шуда, дар он унсурҳои динҳои дигар

низ истифода шудааст. Азбаски мардуми Вароруд он замон нав ба ислом рӯ оварда буданд, то ба ҳадде ба боварҳою анъанаҳои пешазисломии худ пойбанд буданд. Аз рӯи гуфти акои Ҷаҳонгир хело аз унсурҳои зардуштӣ имруз низ дар анъанаҳои мардумии шаҳр ҳифз шудааст (дар Тоҷикистон низ чунин аст).

**Чорум**, тарзи чиндани хиштҳо ва дизайни он мазмуни хос дорад ва дар ин бора фарзия ва гумонҳои зиёде ҳаст, ки дар он гуё нишонҳои кабалистӣ, насронияи аввалия ва ғайра дида мешавад. Ба гуфти акои Ҷаҳонгир дар ин самт профессори бухороӣ Саид Қурбанов, ки солҳо таърихи Осиёи Марказиро дар донишгоҳҳои маъруфи амрикоӣ ба донишомузон дарс гуфтаанд, пажуҳиш доранд. Дар омади гап Саид Қурбонов аз насли Аҳмади Дониш мебошанд ва дар дасташон дастхату ёдгориҳои дигарро аз ин марди хирад доранд.

**Панҷум**, дар даруни мақбара дар мобайни он гардишгарон рост меистанд ва бод аз як тирезаи он даромада, аз дигараш мебарояд ва ин гуё чӣ чизе ҷолиби мистикие доштааст. Рости гап чӣ мазмун доштани онро нафаҳмидам ва вақти сафари оянда онро ҳатман маълум мекунам.

Нуктаи дигаре, ки дар иртибот ба ин мақбара бояд гуфта шавад, ин шахсияти муаллим Раҳмат Рауфович аст, ки дар бораашон алоҳида менависам.

# VIII. ДАР БОРАИ БОВАРҲОИ ТАЪРИХИИ МАРДУМИ БУХОРО[8]

Нуктаи ҷолибе, ки замони ҳузур доштан дар Бухоро фаҳмидам, ин тафсири мардумии таърих буд. Чанде аз шунидаҳоро ба таваҷҷуҳи Шумо пешкаш мекунам. Албатта ин боварҳои мардумӣ буда, ба назарам ягон даъвои илмӣ надорад. Балки бештар бозгӯкунандаи хотираи таърихӣ буда, ба истилоҳе “аз китобе нахондаанд ва аз насл ба насл расидааст”. Аз ин ру, тафсири бухороии таърихро ҳамчун ривоят қабул кунем беҳтар мебошад. Чунки ҳар як шаҳри қадима таъриху бовару “хурофот”-и хоси худро дорад ва Бухоро низ истисно нест. Дар бораи ин бовару тафсирҳо ба меҳмонон аз кишварҳои гуногун нақл мекунанд ва меарзад, ки ман ҳам онро биёрам.

Тавре дар боло ишора шуд, дар назди мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ муаллим Раҳмат Рауфович дукони сайёри китобфурушӣ доранд ва ба тамоми меҳмонон дар бораи моҳияту хусусияту таърихи мақбара, рамзҳои ниҳону намоёни он ва бархурди мардуми Бухоро нисбат ба ин шахси бузург нақл мекунанд (дар омади гап, ин ягона ёдгории таърихие буд, ки дар наздаш як инсон доим меистад ва ба мардум дар борааш нақл мекунад. Чунин таҷрибаро дар наздикии дигар ёдгориҳо надидам. Ба назарам ин самимияти мардум (ё шахсан Раҳмат Рауфовичро) нишон медиҳад). Ба шарофати акои Ҷаҳонгир бо муаллим шинос шудем ва чанде аз гуфтаҳои он касро ба таваҷҷуҳи Шумо мерасонам.

---

*[8] Санаи 24-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

Ба андешаи Раҳмат Рауфович чор тафсири таърих, яъне: тафсири ҷаҳонии таърих (i), тафсири ӯзбекистонии таърих (ii), тафсири тоҷикистонӣ (ба назарам чунин тафсир бинобар он сабаб гуфта шуд, ки мо аз Тоҷикистон ҳастем)-и таърих (iii) ва тафсири бухороии таърих (iv) мавҷуд аст.

Ба гуфти Раҳмат Рауфович "дар кишварҳои гуногун дар бораи давлатдорӣ ва хонадони Сомониён асарҳои зиёде офарида шудааст, ки ва ҳар кишвар роҷеъ ба ин мавзуъ дидгоҳи хоси худро дорад" (шояд ин нукта ба баъзе фарқи назарҳо ба давлатдории Сомониён дар Тоҷикистону Ӯзбекистон рабт дорад, ки зикри масъала вижа буда, беҳтараш таърихнигорон бо он машғул шаванд). "Лекин он иттилоъ ё хотирае, ки дар Бухоро боқӣ мондааст, куллан аз тафсирҳои дигар фарқ мекунад".

Ба назари ин ҷониб масъала чанд паҳлӯ дорад ва яке аз онро зикр мекунем: то забти Аморати Бухоро ва минбаъд аз байн бурдани Ҷумҳурии мардумии шуравии Бухоро дар соли 1924 иқдомҳои ҷадидон барои асоснок намудани гуфтумони "бухорӣ" ҳамчун "миллат" ба назар мерасид. Инчунин, ҳамаи муҳоҷирони Варорудро, ки баъди ҳаводиси солҳои 20-уми асри гузашта ба кишварҳои дигар фирор карданд, "бухорӣ" мегуянд. Агар хато накунам, то имруз дар Саудӣ насли ин муҳоҷиронро бухорӣ мегуянд. Нуктаи дигар ин чунин ном доштани яҳудиёни Осиёи Марказӣ аст, ки гарчанде дар Самарқанду Шаҳрисабзу Тошканду Хуҷанд зиндагӣ мекарданд ва ҳатто баъди кучидан ба Изроил худро "яҳудиёни бухорӣ" мегуянд

ва бо забони форсӣ суҳбат мекунанд. Ин мавзуъ ҷолиб асту пажуҳишҳои антропологҳои Шуравӣ; Русия ва дигар кишварҳо арзандаи омухтанро дорад.

**Тафсири бухороии таърих**

**Нахуст**, Шоҳ Исмоили Сомонӣ ҳамчун ҳомии шаҳри Бухоро эътироф мешавад ва мардум ба ин шахси бузург эътиқоди баланд доранд. Пештар таҷрибаи навиштани мактуб ва гузоштани он дар сурохии мақбара таҷриба мешудааст. Ин ҳам бошад, ба ҳамон сухани таърихии Шоҳ Исмоил рабт дорад, ки гуфта буд: "то ман ҳастам девори Бухоро ҳастам". Бори дигар такрор мекунем, ки то ҳол арзиши амалии худро дар боварҳои мардумӣ гум накардааст.

**Дуюм**, давлатдории Сомониён империя буд ва амалкарди Исмоили Сомонӣ нисбат ба мардум аз руи адлу инсоф сурат мегирифт. Дар давраи ҳукмронии ӯ шаҳр ва давлат хело равнақ пайдо намуд, илму фарҳанг пеш рафт ва низоми муоситарини давлатдорӣ дар вақташ офарида шуд.

**Сеюм,** Раҳмат Рауфович махсус зикр карданд, ки аввалин маротиба дар давлатдории Сомониён дар дунё системаи вазоратҳо роҳандозӣ мегардад, ки баъдан давлатҳои дигар истифода карданд. Кабинаи вазирон (ҳукумати кишвар дар назар аст)-е, ки имруз дар аксари кишварҳо ба назар мерасад, баргирифта аз таҷрибаи Сомониён аст.

Тавре маълум аст, дар давлатдории Сомониён 10 девон (ба тафсири имрӯза - вазорат) амал мекард:

***1) Девони вазир*** – сардевон ба ҳисоб мерафт ва аз болои дигар девонҳо назорат мебурд, роҳбари он дар давлат шахси дуюм шинохта мешуд;

***2) Девони муставфӣ*** – вазорати имрузаи молия, ки сарфу харҷро назорат мекард ва роҳбари он шахси сеюми давлат эътироф мешуд;

***3) Девони амидалмулк*** – вазоратҳои хориҷӣ ва истихбороти берунаро мутаҳҳид мекард ва ба корҳои байналмилалӣ машғул буд;

***4) Девони соҳибушурот*** – вазифаи вазорати мудофиа ва мақомоти амниятиро иҷро мекард;

***5) Девони соҳибулбарид*** – вазифаи вазорати алоқаро иҷро мекард, тамоми хабарҳои дохили кишварро ба Шоҳ ва дарбор мерасонд; хидматрасонии фелдъегериро иҷро мекард;

***6) Девони муҳтасиб*** – соҳаи савдо (бозорҳо) ва тартибот дар шаҳрро назорат мекард, яъне то ҷое вазифаи имрузаи милисаро иҷро мекард;

***7) Девони мушриф ё ашроф***, ки сирри давлатиро нигаҳ медошт, аз болои шахсони алоҳида назорат мебурд, яъне то ҷое вазифаи истихбороти дохилиро иҷро мекард;

***8) Девони амлок*** – имруза мақомоти андоз, ки пардохтро дар саросари кишвар ҷамъ мекард;

***9) Девони қозӣ*** – функсияи суд ё додгоҳро иҷро мекард; ва

***10) Девони вақф*** – масҷиду дигар моликияти вақфиро назорат мекард.

Ҳамаи ин сохтори давлатӣ ҳануз дар асри 10 мавҷуд буданд ва то кучо муосиру пешрафта будани низоми давлатдории Сомониёнро нишон медиҳад. Дар бисёре аз давлатҳои имруза (ва даъвои калони мутамаддин буданро доранд), чунин ниҳодҳо ё 300 сол ё 500 сол пеш дар шакли оддӣ пайдо мешаванд.

Албатта мо бо Раҳмат Рауфович баҳс доштем, ки системаи девонҳо дар давлатдории Сосониён низ буд ва хонадони Сомониён низому таҷрибаи пешазисломии мардуми форсизабонро ба шароити кишвари худ мувофиқ намуданд. Ва агар ин нуктаро аввал гуянд, дар тафсирашон ягон иштибоҳе нахоҳад буд.

Вақте даъфаи дуюм рузи 13 ноябр ба назди мақбара рафтем, ҳамроҳ бо коршиносон аз Қазоқистон, Қирғизистон ва аз худи Ўзбекистон будем. Барои онҳо низ Раҳмат Рауфович ботафсил аз таъриху аҷоиботи мақбара нақл карданд. Онҳо баъди баргашт ба меҳмонхона аз донишу иттилои муаллим дар ҳайрат буданд. Орзу мекунам, ки ҳамеша сиҳату саломат бошанду кори худро давом диҳанд.

**Чорум**, дар китобе (ба назарам дарсӣ буд) хонда будам, ки аз Манораи калон инсонҳои гунаҳкорро ба замин мепартофтанд ва ба ҳамин усул қатл мекарданд. Ин куллан хато будааст, чун дар ду тарафи Манораи калон мадрасаҳои машҳур (аз ҷумла Мири араб) воқеъ ҳастанду онҷо - ҷойи ҳалолу пок пазируфта мешавад. Яъне чунин кор ҳаргиз сурат нагирифта будааст (албатта ин мавзуъ пажуҳиши алоҳидаро талаб дорад).

**Панҷум**, ба мисли фейк дар бораи Манораи калон асотирҳои дигар дар бораи таърихи Бухоро мавҷуданд, ки онҳоро маълум намудан аз манфиат холӣ нест. Чун аксари онҳо барои тира нишон додани “давраи гузашта” ва барои равшан тобиш додани “давраи муосир” 80-90 сол пеш сохта мешаванд.

Ба назарам то он замоне, ки мисли акои Ҷаҳонгир ва муаллим Раҳмат Рауфович (танҳо бо ҳамин инсонҳо вохурдам ва бовари комил дорам, ки дигарон ҳам ҳастанд) нафароне ҳастанд, ки шаҳр ва таъриху воқеияти онро пос медоранд,ситораи Бухоро тобанда мемонад.

***P.S. Дар расм муаллим Раҳмат Рауфович назди дукони сайёри китобфурушӣ.***

## IX. ДАР БОРАИ ЗАБОНИ МАРДУМИ БУХОРО[9]

Дар фазои шабакаи иҷтимоӣ баҳсу баррасиҳое дар бораи вазъи забони форсии тоҷикӣ дар Варорӯд, бахусус дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон зиёд ба назар мерасад ва дар чандин гуруҳҳои вижаи Facebook-ӣ аз зовияҳои гуногун арзёбӣ мешавад. Пеш аз зикри мавзуъ дар бораи забони мардуми Бухоро салоҳ аст, чанд нуктаро ба ҳайси пешсухан орам. Чунин амал барои мушаххас намудани шинохти воқеияти забони форсии тоҷикии Варорӯд зарур буда, “пешфарзҳо”, “асотир”, “конструктҳои сохтаи иҷтимоӣ”, “ҳақиқат” ва “гумонҳои ғолиб”-и мавҷударо ташхис мекунад. Инчунин барои шинохти васеъи “эҳсоси фазо”-и забон, ки аз конструктҳои сохта орӣ аст ва унсури табиии

[9] *Санаи 25-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

зинда дар минтақа хидмат мекунад. Чун дар 100 соли охир (дурустараш 150 соли охир) иқдоми зиёде дар Варорӯд барои маҳдуд намудани забони форсии тоҷикӣ амалӣ шуд, ки ба "эҳсоси фазо"-и соҳибони забон ва ҳувияти онҳо таъсир расонд. Дар натиҷа иттилоъ дар бораи худ, ҳувияти худ ва шинохти худ ниҳоят маҳдуд гардид: ҳувияти кушод ба ҳувияти баста табдил ёфту унсури "худӣ" ва "бегона" устувор шуд (бояд гуфт, ки асли ҳувияти форсӣ кушода буду, дар он унсури худию бегона вуҷуд надошт), ки имрӯза ва дар оянда ба ҷаҳонбинии соҳибони забони форсии тоҷикӣ бетаъсир намемонад. Ташхиси онҳо ва аз гардиши васеъи иҷтимоӣ берун намудан – ба фоидаи кор аст.

Ба андешаи инҷониб мушкили асосӣ – дар банди конструктҳои сохтаи давраи истеъморӣ ва пасоистеъморӣ боқӣ монданамон аст. Вижагии бархурди ҷомеаи пасоистеъморӣ ба таъриху забони худ дар он мебошад, ки ҳама чиро аз рӯи ҳақиқати фотеҳон арзёбӣ ва баҳогузорӣ мекунанд.

***Назарияи пасоистеъморӣ чист ва чӣ вижагӣ дорад?*** Ба таври умум назарияи пасоистеъморӣ дар солҳои 70-уми асри ХХ ҳамчун ҷараёни нав дар илмҳои ҷомеашиносӣ рӯи кор омад. Пажуҳишгари шинохтаи ин ҷараён Эдвард Саид (муаллифи асари "Ориентализм") мебошад. Ҳадафи назарияи пасоистеъморӣ ин муайян намудани таъсири қудрати истеъморӣ ба фарҳанг, забон, иқтисод ва сиёсати собиқ давлат ва ҷомеаҳои истеъморзада; чӣ гуна ҳаракати зиддиистеъморӣ ва давлатҳои

пасоистеъморӣ пайдо шудаанд; дар кадом ҳадду ҳудуд таҷрибаи истисморӣ дар ҷомеаҳои пасиистеъморӣ истифода мешавад ва ғайра мебошад.

Албатта, тамоми руйкарди назарияи пасоистеъморӣ нисбат ба ҷомеаи мо кор намекунад, чун ин равия бештар таъриху таҷрибаи ҷомеаҳо ва кишварҳоеро фаро мегирад, ки ***пештар давлат ва собиқаи зист дар низоми давлатиро ҳам надоштанд***. Вале берун намудани афкор аз қолабҳои истеъморӣ ниҳоят муҳим аст. Чун барои тақвияти соҳибихтиёрии давлатӣ мусоидат мекунад; дарки воқеии зистан дар кишвари озодро ба вуҷуд меорад; неъмат будани озодона гуфтугӯ кардан бо забони худ ва навиштан бо алифбои худро мефаҳмонад; муҳимияти "тақдири худро бо дасти худ навиштан (ибораи аллома Иқбол)" -ро тарвиҷ медиҳад.

Бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба руйкарди пасоистеъморӣ низ баъзе чолишу хатарҳо дорад: чун ҷустуҷуйи "ҳақиқати худ"-ро танҳо барои "ҷустуҷуй" маҳдуд мекунад ва дар натиҷа саволҳое аз қабили "ин ҳақиқат ба мо чӣ медиҳад?" ва "чӣ гуна барои сохтани ояндаи мо хидмат мекунад?" бе посух мемонанд. Чунин бархурд ба эҳтимоли зиёд эҳсоси "бузургманишии таърихӣ", "ифтихори худтаскиндиҳанда" аз гузашта ва "дур рафтан аз воқеияти имруза"-ро низ ба вуҷуд оварда, ба нафъи давлатсозӣ нест. Бинобар ҳамин сабаб арзёбии касбӣ ва мутавозин бисёр зарур аст, то аз гузашта сабақ гирифта, ояндаи худро созем.

Аз ин дидгоҳ баъзе аз пажуҳишгарони мо мехоҳанд исбот кунанд, ки мо вуҷуд доштем, чун дар ин бора барои мисол Шишов, ё Хаников ё Вамберӣ дар асараш навиштааст; забону фарҳанги фалон минтақа инчунин буд, ҳол он ки ёдгориҳои фаровони катбӣ, адабӣ ва воқеӣ зиёданд.

Эҳсоси фазои забонӣ дар муҳити маҷозӣ ва шабакаҳои иҷтимоии тоҷикӣ то андозае маҳдуд аст; бархурдҳои хашини омиёна ва папулистӣ низ ба назар мерасанд, ки он аксар маврид ҳамчун аксуламал ба навиштаҳо ва нарративсозиҳои фейкӣ оид ба таъриху фарҳанги форсӣ дар Варорудба вуҷуд меоянд (ин мавзуъ вижа буда, бояд алоҳида пажуҳишу баррасӣ шавад).

Дар хонандаи гиромӣ шояд саволе пайдо шавад, ки **барои чӣ матни болоро овардам ва чӣ рабте ба забони мардуми Бухоро дорад**? Посух ин аст, ки **аслан аксиомаро собит намекунанд** ва ба гуфти Мавлоно **“офтоб омад далели офтоб”**.

Дар тамоми фурсати дар Бухоро будан, бо тамоми мардуме, ки суҳбат доштем, асосан ба форсии тоҷикӣ буд: дар респшен ва тарабхонаи меҳмонхона (бо соҳибмулку пешхидматҳо), дар чойхона (бо маъмур ва пешхидматҳо), дар бозор (бо ҳамаи фурушандаҳо), дар таксӣ бо ронанда, дар назди мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ бо муаллим Раҳмат Рауфович ва ғайра. Албатта забони гуфтугуӣ ва тарзи ҷумласозии бухориён ба форсии тоҷикӣ вижагиҳои худро дорад, ки инро забоншиносон дуруст ташхис мекунанд, вале ин нукта, ки аксари мардум байниҳамдигар бо ин забон суҳбат мекунад, аксиома аст.

Масъалаи дигар: дар баробари мо тоҷикистониён - сокинони Бухоро низ соҳиби забон ҳастанд (бо назардошти унсурҳои фарҳангию илмӣ шояд аз мо дида бештар ин ҳақро дошта бошанд). Эътирофи ин нукта муҳим аст, чун эҳсоси фазои забониро васеъ мекунад ва пешфарзҳои мавҷуда ва констуктҳои сохтаи иҷтимоиро “мешиканад”. Ба назарам яке аз эҳтиёҷҳои ҷиддии мо барои тарвиҷи фазои эҳсоси забон ҳамин аст. Чанд мисолро роҷеъ ба ин мавзуъ меорам. Махсус зикр мешавад, ки тафсирҳо бардошту хулосаи ман ҳастанд:

***Мисоли якум***, вақте бо муаллим Раҳмат Рауфович дар назди мақбараи Шоҳ Исмоили Сомонӣ суҳбат мекардем, бо ишора ба писарам Ардашер пурсиданд, ки “ин кас ҳам забони тоҷикиро медонанд?” (ин саволашон аз он сабаб шояд пайдо шуд, ки Ардашер муйҳои зард дорад). Ман посух додам, ки бале, чун забони модариаш аст. Яъне ин мисол эҳсоси фазои забонии муаллим Раҳмат Рауфовичро нишон медиҳад, ки дар шинохташон танҳо худашон соҳиби забон ҳастанд.

***Мисоли дуюм***, баъди гашту гузори зиёд дар шаҳри куҳна Ардашер хаста шуд ва дар саргаҳи ҷуйи Шоҳруд мо ба таксӣ нишастем. То расидан ба меҳмонхона байни ҳамдигар суҳбат кардем. Вақте аз мошин берун мешудем, таксист (марди тақрибан 50-55 сола) аз акои Ҷаҳонгир пурсид: “меҳмонон (яъне, мо) аз Самарқанд ҳастанд?” ва посух гирифт, ки аз Душанбе омадаанд. Ин мисол бозгуи он аст, ки дар фазои забонии таксист, нафари ба тоҷикӣ ҳарфзанада ҳатман аз ватанаш аст.

***Мисоли сеюм***, вақте дар бозор будем, ман бо фурушандаҳо бо забони тоҷикӣ ва ҳамкасбон аз давлатҳои дигар ба русию ӯзбекӣ савдо мекарданд. Ба гумонам танҳо нафаре будам, ки нону ҳалвои бухороиро аз ҳама арзон харидам. Нуктаи ҷолиб: вақте ба як ҳамроҳи худ ба тоҷикӣ муроҷиат кардаму он кас посух доданд, фурушанда ҳайрон шуда пурсид: “о Шумо тоҷик ку, чаро бо ман ба русӣ суҳбат кардед?” Яъне дар шинохти фазои забонии фурушанда тоҷик будану ба форсии тоҷикӣ суҳбат накардан аҷиб намуд (ё “гуноҳ” аст).

***Мисоли чорум***: дар мактабҳои олии шаҳри Бухоро донишҷуёни зиёде аз Туркманистон таҳсил мекунанд ва баъди чанд муддат зиндагию таҳсил намудан ҳатман забони форсии тоҷикиро аз худ мекунанд. Тарзи талаффузи донишҷӯёни туркман мисли як ноҳияи вилояти Бухоро дар сарҳад бо Туркманистон мешудааст ва баъди чанде комилан озод бо лаҳҷаи бухороӣ суҳбат мекардаанд.

***Мисоли панҷум***: чанд маврид роҳгузарон дар кӯча ва боздидкунандагони меҳмонхона аз ман дар бораи дар куҷо қарор доштани ин ё он макон пурсиданд. Ҷоеро, ки медонистам ба онҳо мегуфтам. Вақте намедонистам онҳо ҳайрон мешуданд, ки барои чӣ ба тоҷикӣ ҳарф мезанаму он маконро намедонам. Чанд маврид ба забони узбекӣ пурсиданд, вақте русӣ ҷавоб додам, бо форсии шикаста пурсидаанду аз ман посух гирифтанд.

Дар интиҳо бори дигар зикр мекунам, ки он чизе навиштам, бардошти шахсиям аст. Шояд дар ҷое

иштибоҳ кардам, ё дар ҷое “обу ранг” додам. Аз ин рӯ, матни мазкурро ҳамчун сафардидаи як фард қабул кунед.

***P.S. Ба сифати рамзи маънодор саҳифаи рузномаи “Бухорои Шариф”-ро истифода кардам.***

## X. БАРДОШТҲОИ УСУЛӢ АЗ САФАР БА БУХОРО[10]

Имруз 2 ҳафта шуд, ки аз Бухоро баргаштем ва сафардидаҳоро дар 9 бахш (ҳар вақте навиштам, ҳамон лаҳза нашр кардам) ба дустон пешкаш кардем. Матни мазкур бештар барои Ардашер буд, чун 1) теъдоди зиёди ҳамватанони мо ба Бухоро сафар кардаанд ва ёддошту бардошти худро доранд, яъне ин масири нав нест; 2) Ардашер баъди ба камол расидан хотироти муфассале аз нахустин сафари худ ба хориҷи кишвар дошта бошад.

Сафардидаҳоро ба Бухоро чунин ҷамъбаст мекунам:

**Якум**, барои ҳар нафаре, ки тоҷикият – арзиш ҳасту тамаддуну фарҳанги форсии Вароруд – унсури муҳими ҳувиятиаш мебошанд, ҳатман ба Бухоро бояд сафар кунад. Ба арзишҳои воло бовар кардану Бухороро надидан гуноҳ аст.

**Дуюм**, Бухоро осорхонаи руҳи миллии мо аст. Бо ёдгориҳои таърихии худ ҳам аршу ҳам фарши онро муаррифӣ мекунад. ***Аршаш ин*** ёдгориҳои сиёсию маъмурӣ, динию таълимию пажуҳишӣ ва ғайра, ки дар ин шаҳр ҷойгиранд; як силсила шахсиятҳои варзида

[10] *Санаи 28-уми ноябри соли 2022 навишта шудааст.*

парваридаи ин шаҳр ҳастанду ба фарҳангу тамаддуни форсӣ ва умумиҷаҳонӣ хидмат намуданд. ***Фаршаш ин аст***, ки модели офаридаи мо дар Бухоро барои мудирияти ҷомеа ва давлат бар зарари мо тамом мешудааст. Яъне ба саволи "аввал кистем? Тоҷикем, мусалмонем ва ё аз фалон маконем", посух ба фоидаи тоҷик будан набудааст. Чун қабати ҳувиятии динӣ (ё мазҳабӣ) ва маконӣ унсури калидӣ гардида, диниаш барои ҳазм шудани мо дар ҷомеаҳои дигар (ба худтаскидиҳӣ монанд аст, ки онҳо ҳам мусалмонанд) ва макониаш барои маҳдуд гардидани ҷаҳонбинӣ (ва унсури худию бегона) сабаб шудааст. Бинобар ин, ба ёдгориҳои таърихию фарҳангии Бухоро мо бояд арҷ гузорем, вале модели мудирияти ҷомеа ва давлатро, ки дар ин шаҳр роиҷ гардид, дигар ҳаргиз истифода накунем, балки ба нақди васеъи он пардозему чизи беҳтарро ба вуҷуд орем.

**Сеюм**, Бухоро дар тули ҳазор сол пойтахти давлатдориҳои гуногун буд ва ҳамин хусусият ба рафтори сокинонаш таъсир расонидааст, ки бо назардошти дар 100 соли охир ба ҳошия ронда шудану шадидан саркуб гардидану ба як шаҳри музофотӣ ёфтан – шаҳомати пештараи худро ҳифз намудааст. Замони таъсиси Ӯзбекистон се пойтахти давлатдориҳои собиқ ба қаламрави он ворид карда шуданд: инҳо Бухоро, Хуқанд ва Хива мебошанд. Аз ин ҷост, ки сокинони ин шаҳрҳо тарзи рафтору гуфтори хос доранд. Ӯзбекистон дар амалияи сиёсии худ аз таҷрибаи ин давлатдориҳо истифода мекунад, ки донистанаш ҳам муҳим аст.

**Чорум**, тамоми вақти будан дар Ӯзбекистон ва сафар ба Бухоро худро дар кишвари бегона эҳсос намекадем, чун аксари амалу бовару рафтор фарқе надорад. Аз ин рӯ, бештар сафар намудан ба ин кишвар ва дидани ёдгориҳои мавҷуда барои тавсеаи эҳсоси фазои забон ва фарҳанг мусоидат мекунад.

**Панҷум**, Бухорои ормонии мо имруз шаҳри Душанбе аст. Агар бештар барои рушди кишвару шаҳри худ кушиш кунем, ба фоидаи кор мебошад. Ба ҳар масъала ё мавзуъ, аз диди манфиатҳои кишвари худ назар кардан ҳам аз аҳамият холӣ нест.

Бо ҳамин зикри сафардидаҳои худро ба поён мерасонам.

Дар охир бори дигар даъват ба амал меорам, ки агар то ҳол ба Бухоро сафар накарда будед, ҳатман фурсати муносибро пайдо карда, ба ин шаҳр равед. Бовар дорам – ҳаргиз пушаймон намешавед.

**Тамом**.

**Шаҳри Душанбе, 15-28 ноябри соли 2022**